**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 4404/11.1 аз «13» 03 соли 2020

Ба №___________ аз «____»_____________ соли 20___

Ба супорандагони андоз аз фоида

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илова ба мактуби дастурии №985/11.1-д аз 22.01.2020 вобаста ба пардохтҳои ҷории андоз аз фоида барои соли 2020, чунин иттилоъ медиҳад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷкистон» аз моддаи 109 Кодекси андоз калимаҳои «вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ» хориҷ карда шуд.

Бо назардошти он, ки тибқи Қонуни мазкур ба моддаи 157 Кодекси андоз тағйирот ворид нагардидааст, пешпардохти андоз аз фоида бо тартиби қаблан амалкунанда ҳисоб карда мешавад.

Яъне, тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи 157 Кодекси андоз маблағи ҳар пардохти ҷории моҳона (семоҳа) дар давраи 12-моҳа, ки ҳар 15-уми апрел оғоз меёбад, наметавонад аз ҳар як маблағҳои зерин камтар бошад:

- аз дувоздаҳ як қисми (аз чор як қисми) маблағи андоз аз фоида барои соли гузаштаи андоз;
- 1 фоизи даромади умумии моҳи (семоҳаи) ҳисоботӣ.

Бинобар ин, новобаста бо фоида ва ё зарар ҷамъбаст намудани соли 2019, андозсупоранда уҳдадор аст, пешпардохти ҷории андоз аз фоидаро бо тартиби дар қисми 3 моддаи 157 Кодекси андоз муайяншуда, ҳисоб ва пардохт намояд. Дар сурати бо зарар ҷамъбаст гардидани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соли 2019, андозсупоранда уҳдадор аст, пешпардохти андоз аз фоидаро ба андозаи як фоизи даромади умумии дар моҳи (семоҳаи) ҳисоботӣ ба дастовардашуда, ҳисоб ва пардохт намояд.

Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи мазкур пардохтҳои ҷорӣ аз рӯи андоз аз фоида пардохтҳои ҳатмӣ буда, барои сари вақт напардохтани онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд.

Бо назардошти ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки талаботи моддаи 157 Кодекси андозро дуруст татбиқ намуда, пардохти саривақтии пардохтҳои ҷории андозсупорандагонро таъмин намоянд.

Раис Н.Давлатзода